# ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

29 августи соли 2025 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шурои олимон таҳти роҳбарии директори муассиса, номзади илмҳои техникӣ Сироҷиддин Ниёзӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа масъалаҳои муҳими вобаста ба рушди соҳаи маориф баррасӣ шуданд. Аз ҷумла, Ҳасанзода Юнус – ходими калони илмии шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ – бо гузориши илмӣ баромад намуда, ҳозиринро оид ба ҷанбаҳои илмию амалии ташхиси фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, инчунин нақши он дар мутобиқсозии мазмуни маводи таълимӣ ба талаботи замони муосир ва меъёрҳои байналмилалӣ шинос намуд.

Дар рафти ҷаласа бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои аъзоёни ҷаласа қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.







